«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав», профессор ____________Қурбонзода М.Р.
«___» ______08______ соли 2026

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба диссертатсияи Юсуфӣ Ифтихор Абубакрзода дар мавзуи «Бунёди иншоотҳои азим дар публитсистикаи Шералӣ Мӯсо» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050400 – Рӯзноманигорӣ (6D050401 – Рӯзноманигорӣ)**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуи диссертатсияи тақризшаванда ба яке аз самтҳои муҳимми илми рӯзноманигории муосири тоҷик – омӯзиши ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии публитсистика, ба хусус дар заминаи осори публитсисти маъруф Шералӣ Мӯсо бахшида шудааст. Дар даврони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи таҷассуми воқеияти иҷтимоӣ, сиёсӣ ва иқтисодӣ дар воситаҳои ахбори омма ва асарҳои ҷудогонаи публитсистӣ аҳаммияти бештар касб намуда, таҳқиқи таҷрибаи эҷодии намояндагони барҷастаи публитсистика ба яке аз вазифаҳои муҳимми публитсистикашиносии миллӣ мубаддал гардидааст.

Дар ин замина интихоби мавзуи «Бунёди иншоотҳои азим дар публитсистикаи Шералӣ Мӯсо» аз ҷиҳати илмӣ асоснок ва саривақтӣ мебошад. Зеро фаъолияти эҷодии Шералӣ Мӯсо дар инъикоси сохтмони роҳҳо, нақбҳо, неругоҳҳои барқи обӣ ва дигар иншооти стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон то имрӯз ба таври махсус ва ҳамаҷониба мавриди омӯзиши илмӣ қарор нагирифта буд. Аз ин рӯ, таҳқиқи ин мавзуъ саривақтӣ ва мубрам ба ҳисоб меравад.

Муҳтавои диссертатсия пурра ба талаботи шиносномаи ихтисоси 6D050400 – Рӯзноманигорӣ (6D050401 – Рӯзноманигорӣ) мутобиқат намуда, масъалаҳои назария ва амалияи публитсистика, хусусиятҳои инъикоси воқеияти иҷтимоӣ дар осори публитсистӣ, маҳорати эҷодии публитсист ва амсоли инро фаро мегирад.

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқ.** Дар солҳои соҳибистиқлолӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон марҳилаи нави давлатдорӣ ва ҷомеасозиро аз сар гузаронида, татбиқи лоиҳаҳои бузурги миллӣ, аз ҷумла сохтмони роҳҳо, нақбҳо, пулҳо, неругоҳҳои барқи обӣ ва дигар иншооти стратегии

мамлакат ба яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлат табдил ёфт. Ин раванд на танҳо дар рушди иқтисодию иҷтимоии кишвар нақши муҳим бозид, балки дар фазои иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва адабиёти миллӣ низ мавқеи густурда пайдо намуд. Публитсистика ҳамчун навъи махсуси фаъолияти эҷодӣ ҳамеша воқеияти иҷтимоиро бо рӯйдодҳои муҳимми ҷомеа пайваст менамояд. Аз ин лиҳоз, омӯзиши таҷрибаи публитсистоне, ки ин равандҳоро ба таври касбӣ инъикос намудаанд, барои рушди назарияи журналистика аҳаммияти хос дорад.

Дар ин замина диссертатсияи тақризшаванда масъалаеро мавриди таҳқиқ қарор додааст, ки ҳам аз ҷиҳати илмӣ ва ҳам аз ҷиҳати иҷтимоӣ мубрам мебошанд. Кор ба омӯзиши хусусиятҳои инъикоси раванди бунёди иншоотҳои азими кишвар дар осори Шералӣ Мӯсо бахшида шуда, ҷойгоҳи ин мавзуъро дар публитсистикаи муосири тоҷик муайян менамояд. Арзиши дигари таҳқиқ дар он зоҳир мегардад, ки масъалаи мазкур дар заминаи ҳамгироии журналистика, публитсистика ва адабиётшиносӣ баррасӣ гардидааст. Чунин равиш имкон медиҳад, ки осори Шералӣ Мӯсо ҳамчун манбаи ҳуҷҷатии инъикоси воқеият ва падидаи ҳунарӣ арзёбӣ гардад.

**Дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд.** Диссертант аз таҳлилу баррасии маводди ҷамоваришуда ба хулосе меояд, ки гузоришҳои илмӣ ва натиҷаи дар давоми таҳқиқ бадастомада дар таълими таърихи журналистикаи тоҷик, асосҳои фаъолияти эҷодии журналистика, нақду назарияи публитсистика ва монанди ин дорои аҳаммияти вижа мебошад. Хулосаву тавсияҳои овардашуда асос ва ҷанбаи муҳимми илмиро доро мебошанд.

**Навгонии илмии диссертатсия.** Навгонии илмии таҳқиқ, пеш аз ҳама, дар он ифода меёбад, ки фаъолияти публитсистии Шералӣ Мӯсо доир ба масъалаи бунёди иншоотҳои азими кишвар бори аввал ҳамчун объекти мустақили таҳқиқи илмӣ интихоб гардидааст.

Дар диссертатсия:

- заминаҳои ташаккули ҷаҳонбинӣ ва фаъолияти эҷодии Шералӣ Мӯсо дар иртибот бо воқеияти сиёсиву иҷтимоии кишвар муайян шудаанд;
- самтҳои асосии фаъолияти рӯзноманигорӣ, публитсистӣ ва нависандагии ӯ аз нигоҳи илмӣ тасниф гардидаанд;
- хусусиятҳои инъикоси сохтмони роҳҳо, нақбҳо ва Неругоҳи барқи обии «Роғун» дар осори публитсистии нависанда таҳлил шудаанд;

- таносуби воқеият ва бадеият, вижагиҳои жанрӣ, унсурҳои ҳунарӣ ва воситаҳои тасвир дар асарҳои мавриди таҳқиқ муайян гардидааст;
- саҳми Шералӣ Мӯсо дар рушди публитсистикаи даврони соҳибистиқлолӣ аз нигоҳи илмӣ арзёбӣ шудааст.

Натиҷаҳои мазкур навгониҳои илмии диссертатсияро ташкил дода, метавонанд дар таҳқиқи минбаъдаи журналистика ва публитсистикашиносии тоҷик мавриди истифода қарор гиранд.

**Аҳаммияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои диссертатсия.** Аҳаммияти назариявии диссертатсия дар он ифода меёбад, ки муаллифи он доираи таҳқиқи илмиро оид ба таърих ва назарияи публитсистикаи тоҷик густариш дода, масъалаҳои таҷассуми воқеияти иҷтимоӣ дар осори публитсистиро аз дидгоҳи нав мавриди омӯзиш қарор медиҳад. Хулосаҳои илмии пешниҳодшуда метавонанд барои таҳқиқи минбаъдаи соҳа ҳамчун заминаи назариявӣ хизмат намоянд.

Аз ҷиҳати амалӣ натиҷаҳои таҳқиқ метавонанд ҳангоми омӯзиши фанҳои «Назарияи публитсистика», «Таърихи журналистикаи тоҷик», «Жанрҳои журналистика», «Маҳорати эҷодӣ», «Публитситика ва адабиёт», «Накди публитсистӣ» инчунин дар таҳияи китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ, курсҳои махсус ва корҳои илмӣ-таҳқиқӣ истифода шаванд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ.** Натиҷаҳои илмии диссертатсия бар пояи таҳлили васеи сарчашмаҳои илмӣ, осори публитсистию бадеии Шералӣ Мӯсо, маводди матбуоти даврӣ ва таҳқиқи муҳаққиқони ватанию хориҷӣ ба даст омадааст. Ҳангоми анҷоми таҳқиқ аз усулҳои таърихӣ, муқоисавӣ, таҳлили мундариҷавӣ, таҳлили муҳтаво, таҳлили жанрӣ ва таҳлили адабӣ истифода шудааст, ки ба ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқ мутобиқ мебошанд. Хулосаҳои илмии пешниҳодшуда аз таҳлили маводди воқеӣ бармеоянд ва бо далелҳои мушаххас асоснок карда шудаанд. Бо назардошти ҳамин ҷузъиёт натиҷаҳои таҳқиқ эътимоднок дониста мешаванд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ** бориз буда, дар баррасии бунёди иншоотҳои азим дар публитсистикаи Шералӣ Мӯсо ва мавқеи осори публитсистии ӯ дар публитсистикаи муосир ба назар мерасад. Ҳамзамон ҷобаҷогузории сохтории диссертатсия, таҳлили масоили баррасишаванда бо мисолҳои мушаххас саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмиро дар таҳқиқ равшантар нишон медиҳанд.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшаванда.** Мазмуну муҳтавои асосии диссертатсия дар 13 мақолаи илмӣ мунъакис

гардидааст, ки 9-тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд.

**Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он.** Махсусияти бунёди иншоотҳои азим дар публитсистикаи Шералӣ Мӯсо, ки дар диссертатсия ба таври муфассал таҳқиқ шудааст, бар он аст, ки пажуҳиш мукаммал ба анҷом расида, бахши асосии он арзиши осори Шералӣ Мӯсо, ки ба мавзуи мавриди назар бахшида шудааст, маводди арзишманд маҳсуб дониста мешавад.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, шаш фасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия иборат буда, ҳаҷми умумии он 178 саҳифаи компютериро ташкил медиҳад.

**Боби якуми диссертатсия таҳти унвони «Ҳаёт ва фаъолияти эҷодии Шералӣ Мӯсо дар контексти ҳаёти сиёсиву иҷтимоии замон»** дар баробари баррасии рӯзгор ва осори Шералӣ Мӯсо, заминаи назариявии таҳқиқро ташкил медиҳад.

**Дар фасли аввал** омилҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ, маънавӣ ва касбӣ, ки дар ташаккули шахсияти эҷодии Шералӣ Мӯсо нақши муассир гузоштаанд, бо истифода аз маводди бойгонӣ, хотираҳои ҳамқаламону дӯстон, мусоҳибаҳо бо адиб ва осори худи ӯ таҳлил гардидаанд. Дар диссертатсия бо асоснокии илмӣ нишон дода шудааст, ки ҷаҳонбинӣ ва маҳорати публитсистии нависанда дар заминаи таъсири муҳити оилавӣ, мактаб, фаъолияти истеҳсолӣ ва фазои адабии замон ташаккул ёфтааст.

**Фасли дуюм** таснифи самтҳои фаъолияти эҷодии Шералӣ Мӯсоро фаро гирифтаа, фаъолияти ӯ ҳамчун рӯзноманигор, публитсист, нависанда ва ҳаҷвнигор дар робитаи байниҳамдигарӣ таҳқиқ шудааст. Аз баррасии ин бахш маълум мегардад, ки дар ташаккули услуби эҷодӣ ва маҳорати публитсистии адиб таҷрибаи рӯзноманигорӣ нақши муайян гузоштааст.

Фаслҳои боби мазкур аз ҷиҳати муҳтаво ва сохтор иртиботи мантиқӣ дошта, барои таҳқиқи масъалаҳои минбаъдаи диссертатсия заминаи илмӣ фароҳам меоранд.

**Боби дуюми диссертатсия** таҳти унвони **«Таҳлили мундариҷавии осори публитсистии Шералӣ Мӯсо доир ба сохтмонҳои азим»** қисми меҳварии таҳқиқ маҳсуб ёфта, дар он масъалаи инъикоси бунёди роҳҳо, нақбҳо, Нерӯгоҳи барқи обии «Роғун» ва дигар иншооти муҳимми

стратегии кишвар дар осори публитсистии Шералӣ Мӯсо ба таври муфассал омӯхта шудааст.

Бартарии асосии ин бобро дар он метавон нисбат дод, ки муаллиф ҳангоми таҳқиқ танҳо ба тавсифи мазмуни асарҳо маҳдуд нашуда, онҳоро дар робита бо таҳаввулоти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии даврони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода, ба натиҷаи дуруст мерасад. Сохтмони иншоотҳои бузурги миллӣ дар осори Шералӣ Мӯсо на танҳо ҳамчун воқеаи истеҳсолӣ, балки ҳамчун падидаи муҳимми сиёсиву иҷтимоӣ ва омили таҳкими худшиносии миллӣ таҷассум ёфтааст.

**Дар фасли аввали ин боб** масъалаи таҷассуми сохтмони роҳҳо ва нақбҳо дар осори публитсистии адиб мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Дар натиҷаи омӯзиши қиссаи «Мардистон», очерки «Роҳи биҳишт» ва дигар очерку лавҳаҳо муайян карда мешавад, ки нависанда дар тасвири раванди бунёдкорӣ ба мушоҳидаҳои шахсӣ, далелҳои воқеӣ ва таҷрибаи рӯзноманигории худ такя кардааст. Ин омил боиси он гардидааст, ки воқеияти иҷтимоӣ дар осори ӯ бо дараҷаи баланди эътимоднокӣ инъикос ёбад.

Ҳарчанд объекти омӯзиш ва инъикосу тасвир дар ин асарҳои Шералӣ Мӯсо иншооти бузурганд, аммо ғояи меҳварии онҳоро, пеш аз ҳама, инсон ва меҳнати созандаи ӯ ташкил медиҳад. Қаҳрамонони асарҳо муҳандисон, роҳсозон, нақбканон ва дигар намояндагони касбу кори гуногун ҳамчун неруи асосии пешрафти ҷомеа ба тасвир гирифта шудаанд.

Ҷиҳати дигари арзишманди ин фасл дар он аст, ки муаллиф ҳангоми тасвири раванди сохтмон ба масъалаи ҳамоҳангии воқеият ва бадеият низ таваҷҷуҳ намудааст. Диссертант бо таҳлилҳои асоснок нишон медиҳад, ки истифодаи унсурҳои бадеӣ арзиши ҳуҷҷатии асарҳоро коҳиш надода, баръакс, таъсир ва эътибори онҳоро афзун намудааст. Ин хулоса дар назарияи публитсистика аҳаммияти муайяни илмӣ дорад.

**Дар фасли дуюми боби мазкур** таҷассуми сохтмони Неругоҳи барқи обии «Роғун» дар публитсистикаи Шералӣ Мӯсо таҳқиқ шудааст. Муҳаққиқ осори Шералӣ Мӯсоро аз нуқтаи назари таҷассуми арзишҳои миллӣ, истиқлолияти давлатӣ ва нақши сохтмони «Роғун» дар ҳаёти ҷомеа таҳлил намуда, ба натиҷаи дуруст мерасад, ки нависанда неругоҳро ба меҳвари асосии фаъолияти эҷодии худ табдил дода, онро на танҳо ҳамчун иншооти муҳандисӣ, балки ҳамчун рамзи истиқлол, худшиносӣ ва пешрафти Тоҷикистон арзёбӣ кардааст.

Боби дуюм аз нигоҳи методологӣ бо истифода аз усулҳои таҳлили мундариҷавӣ, таҳлили муқоисавӣ ва таҳлили таърихӣ таҳия гардидааст. Корбурди ин усулҳо ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ мутобиқ буда, ба муаллиф имконият додааст, ки хулосаҳои худро дар асоси далелҳои илмӣ пешниҳод намояд.

Бо вуҷуди ин, аз нигоҳи муассисаи пешбар бояд қайд намуд, ки дар баъзе мавридҳо таҳлили мундариҷаи осор нисбат ба таҳлили назариявии масъала бартарӣ пайдо кардааст. Дар баъзе бахшҳо хусусиятҳои иҷтимоӣ ва мазмунии асарҳо нисбат ба масъалаҳои назария, услуб ва хусусиятҳои поэтикии публитсистика бештар тавсиф гардидаанд. Бо вуҷуди ин, чунин ҳолат арзиши илмии бобро коҳиш надода, танҳо зарурати тавсеаи баъзе ҷанбаҳои назариявиро нишон медиҳад.

Дар маҷмуъ, боби дуюми диссертатсия аз лиҳози интихоби масъала, таҳлили сарчашмаҳо ва ҷамъбасти илмӣ яке аз бахшҳои муҳимми рисола ба шумор рафта, дар омӯзиши публитсистикаи даврони соҳибистиқлолӣ аз аҳаммият холӣ нест.

**Боби сеюми диссертатсия** таҳти унвони **«Таносуби воқеият ва бадеият дар асарҳои Шералӣ Мӯсо»** қисми ҷамъбастии таҳқиқ буда, дар он масъалаҳои назариявӣ ва амалии робитаи публитсистика ва адабиёти бадеӣ дар заминаи осори нависанда таҳлил гардидааст. Маҳз дар ҳамин боб натиҷаҳои асосии илмии таҳқиқ ҷамъбаст шуда, мавқеи эҷодии Шералӣ Мӯсо ҳамчун публитсист ва нависанда аз дидгоҳи назарияи муосири журналистика арзёбӣ шудааст.

Масъалаи баҳси **фасли аввали ин боб** чигунагии ҷанбаҳои публитсистии осори бадеии адиб мебошад. Дар он бо истифода аз таҳлили илмӣ муайян карда шудааст, ки дар осори Шералӣ Мӯсо воқеияти иҷтимоӣ, арзишҳои миллӣ, масъалаҳои ватандӯстӣ ва масъулияти шаҳрвандӣ тавассути омезиши унсурҳои бадеӣ ва публитсистӣ таҷассум ёфтаанд. Муаалифи кори диссертатсионӣ бо баррасиҳои асоснокии илмӣ мутмаъин месозад, ки публитсистика дар эҷодиёти нависанда танҳо дар доираи жанрҳои публитсистика маҳдуд намешавад, балки ҳамчун тарзи тафаккур ва воситаи ифодаи мавқеи иҷтимоии муаллиф дар асарҳои бадеӣ низ зуҳур мекунад.

Қобили таваҷҷуҳ аст, ки дар диссертатсия масъалаи муносибати муаллиф ба воқеаҳои иҷтимоӣ, нақши андешаи шаҳрвандӣ дар ташаккули муҳтавои асар ва таъсири воқеият ба шаклгирии ҷаҳонбинии эҷодӣ бо истифода аз мисолҳои мушаххас таҳлил гардидааст. Ин ҷиҳат арзиши назариявии фаслро боло мебарад.

**Фасли дуюми боб**, ки **«Аносири ҳунарӣ ва жанрӣ дар тасвири раванди бунёдкориҳо»** унвон дорад, хусусиятҳои жанрӣ ва аносири ҳунарии осори марбут ба бунёдкориҳои кишвар таҳлил шудааст. Аз баррасиҳо дар диссертатсия суратгирифта маълум мегардад, ки Шералӣ Мӯсо дар инъикоси воқеияти иҷтимоӣ аз имкониятҳои гуногуни жанрҳои мақола, лавҳа, очерк ва сафарнома самаранок истифода кардааст. Ҳамчунин нақши воситаҳои тасвири бадеӣ, хусусиятҳои композитсионӣ, образофарӣ ва забони публитсистии нависанда аз мадди назари диссертант дур намондааст.

Дар маҷмуъ, боби сеюм аз ҷиҳати назариявӣ пурмуҳтаво буда, робитаи байни журналистика ва адабиёти бадеиро дар заминаи осори публитсистии Шералӣ Мӯсо асоснок менамояд. Натиҷаҳои пешниҳодшуда барои таҳқиқи минбаъдаи масъалаҳои назария ва амалияи публитсистика аҳаммияти муайяни илмӣ доранд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Мазмуни интишороти илмии довталаб муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос менамояд. Натиҷаҳои асосии таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар маҷмуаҳои илмӣ нашр гардидаанд, ки мутобиқати онҳо ба мазмуни диссертатсия мушоҳида мешавад. Диссертатсия аз ҷиҳати сохтор, тарзи таҳияи истинодҳо, рӯйхати адабиёт ва тартиби пешниҳоди маводди илмӣ, дар маҷмуъ, ба талаботи амалкунандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Диссертатсияи Юсуфӣ Ифтихор Абубакрзода дар мавзуи «Бунёди иншоотҳои азим дар публитсистикаи Шералӣ Мӯсо» ба талаботи бандҳои 31, 33-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050400 - Рӯзноманигорӣ (6D050401 - Рӯзноманигорӣ) сазовор мебошад.

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.** Бо вуҷуди дастовардҳои назарраси илмӣ, дар диссертатсия баъзе масъалаҳо ҷиҳати такмил пешниҳод мешаванд:

1. Дар фасли дуюми боби сеюм, ки ба омӯзиши аносири ҳунарӣ ва жанрии осори марбут ба раванди бунёдкориҳо бахшида шудааст,

таҳлили ашкол ва муҳтавои асарҳо дар муқоиса ба муайян намудани хусусиятҳои жанрӣ, ки ҳадафи асосӣ аст, таносубан бартарӣ пайдо кардааст. Агар меъёрҳои назариявии жанршиносӣ ва аломатҳои фарққунандаи очерк, лавҳа ва дигар жанрҳои публитсистӣ муфассалтар баррасӣ мегардид, хулосаҳои илмӣ боз ҳам асосно мешуд.

2. Хуб аст, ки дар диссертатсия осори Шералӣ Мӯсо бо эҷодиёти баъзе публитсистон муқоиса шудааст. Аммо доираи чунин муқоиса нисбатан маҳдуд мебошад. Агар осори ӯ бо эҷодиёти дигар публитсистону нависандагони ҳамдавр, махсусан муаллифоне, ки масъалаи сохтмони Неругоҳи барқи обии «Роғун» ва дигар иншооти бузурги миллиро инъикос намудаанд, муқоиса мегардид, имконияти муайян намудани ҷойгоҳи эҷодии Шералӣ Мӯсо дар рушди публитсистикаи муосир бештар фароҳам меомад.

3. Дар баъзе бахшҳои боби дуюм ва сеюм таҳлили мундариҷавии осор нисбат ба таҳлили назариявии масъала бартарӣ дорад. Истифодаи бештари назарияҳои муосири публитсистика, жанршиносӣ ва масоили баҳсталаби журналистика метавонист заминаи назариявии таҳқиқро боз ҳам ғанӣ гардонад.

4. Ҳангоми таҳқиқи масъалаи таносуби воқеият ва бадеият бештар усулҳои таҳлили сифатӣ истифода шудааст. Ҷалби баъзе унсурҳои таҳлили сифативу миқдорӣ (контент-таҳлил), аз ҷумла гурӯҳбандии мавзуъҳо, таносуби жанрҳо ва таносуби истифодаи воситаҳои тасвир, имконият медод, ки натиҷаҳои таҳқиқ аз ҷиҳати оморӣ низ тақвият ёбанд.

5. Ҳарчанд диссертатсия ва автореферат бо забони саҳеҳ ва фаҳмо навишта шудааст, аммо баъзан хатоҳои имлоӣ ба назар мерасад. Масалан, мавзуъи ба ҷойи мавзуи (с. 105, 161), қолиби ба ҷойи қолаби (с. 111, 133, 156), ҳаракот ба ҷойи ҳаракатҳо (с. 146) ва ба ин монанд.

Бояд таъкид намуд, ки эродҳои мазкур хусусияти тавсиявӣ дошта, ба муҳтавои асосӣ, навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявию амалӣ ва хулосаҳои асосии диссертатсия таъсири ҷиддӣ намерасонанд.

**Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия.** Диссертатсия дар мавзуи «Бунёди иншоотҳои азим дар публитсистикаи Шералӣ Мӯсо» таҳқиқи анҷомёфтаи мустақил буда, масъалаҳои муҳимми назария ва амалияи рӯзноманигории тоҷикро дар асоси таҳлили осори яке аз публитсистони маъруфи кишвар мавриди омӯзиши ҳамаҷониба қарор додааст. Дар диссертатсия ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқ пурра амалӣ гардида, навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои бадастомада асоснок

карда шудаанд. Натиҷаҳои таҳқиқ барои рушди публитсистикашиносӣ, таърихи журналистикаи тоҷик ва омӯзиши равандҳои инъикоси воқеияти иҷтимоӣ дар воситаҳои ахбори омма аҳаммияти муайяни илмӣ доранд.

Муассисаи пешбар чунин меҳисобад, ки диссертатсияи Юсуфӣ Ифтихор Абубакрзода дар мавзуи «Бунёди иншоотҳои азим дар публитсистикаи Шералӣ Мӯсо» ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, барои ҳимоя пешниҳод шуданаш асос дорад ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050400 – Рӯзноманигорӣ (6D050401 – Рӯзноманигорӣ) мебошад.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз ҷониби номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи рӯзноманигории факултети филологияи тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» Маҳкамзода Дилором омода гардидааст.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи рӯзноманигорӣ 4-уми августи соли 2026 муҳокима ва тасдиқ шудааст. Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 7 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 7 нафар нафар, зид – «нест», бетараф – «нест». Суратҷаласаи №1, аз 04.08.2026 с.

**Раиси ҷаласа:**
номзади илмҳои филологӣ, дотсент,
мудири кафедраи рӯзноманигории
факултети филологияи тоҷики
МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав» Шарипов С.И.

**Эксперт:**
номзади илмҳои филологӣ,
дотсенти кафедраи рӯзноманигории
факултети филологияи тоҷики
МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав» Маҳкамзода Д.Ю.

**Котиби илмии ҷаласа:**
номзади илмҳои филологӣ, дотсенти
кафедраи рӯзноманигории
факултети филологияи тоҷики МДТ
«Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав» Маъмурзода Н.М.

**Имзоҳои С.И. Шарипов, Д.Ю. Маҳкамзода**
**ва М.Н. Маъмурзодаро тасдиқ мекунам**:
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав» Исҳоқзода М.М.

**Нишонии муассисаи пешбар:**
735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67.
Телефон: (83222) 2-54-81)
E-mail: bgu-1978@mail.ru
04.08.2026